Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Сайвализода Ҷумахон Сайвалӣ дар мавзуи «Таҳаввул ва рушди ҳуқуқуозодиҳои иқтисодиву иҷтимоии инсон дар Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01- Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ пешниҳод шудааст**

Мавзӯи диссертатсияи Сайвализода Ҷумахон Сайвалӣ, ки ба таҳаввул ва рушди ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоии инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст, аз ҷумлаи масъалаҳои калидии назариявӣ ва амалии илми ҳуқуқи муосир ба ҳисоб меравад. Таҳқиқи чунин мавзӯъ дар шароити таҳаввулоти иҷтимоию иқтисодӣ ва ҳуқуқии ҷомеа муҳим ва саривақтӣ буда, ҷавобгӯи ниёзҳои стратегии соҳаи ҳуқуқи инсон мебошад.

Муаллиф дар автореферати худ ба мавзӯи таҳқиқот ҳамаҷониба назари илмӣ андохта, таърихи ташаккул ва эволютсияи ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодиро дар заминаи таҳаввулоти ҳуқуқи миллӣ баррасӣ намудааст. Дар автореферат масъалаҳои зерин ба таври муфассал инъикос ёфтаанд: заминаҳои назариявии шаклгирии ин ҳуқуқҳо, ҷанбаҳои қонунгузории миллии Тоҷикистон дар самти ҳуқуқҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, таҳлили таҷрибаи амалии татбиқи онҳо ва ҷойгоҳи ин институтҳо дар таҳқиқоти ҳуқуқии муосир.

Матни автореферат бо риояи талаботи илмӣ таҳия гардида, сохтори дохилии он пайдарпай ва мантиқӣ ба назар мерасад. Хулосаҳо ва тавсияҳои илмии муаллиф дар асоси таҳлилҳои амиқ пешниҳод гардида, бо мантиқи таҳқиқоти ҳуқуқшиносӣ мувофиқанд. Ба хусус, диққати махсуси муҳаққиқ ба масъалаи таснифи ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва

эҳтимолияти рушди минбаъдаи онҳо, ба арзиши назариявии ин пажӯҳиш равшанӣ меандозад.

Бо вуҷуди комёбиҳои зикршуда, ба назари мо базъе мушкилиҳо ба назар мерасад:

1. Мувофиқи мақсад мебуд, ки муаллиф барои амиқтар таҳлил кардани мушкилоти таснифи ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, як зербоби махсус ҷудо менамуд. Ин амр ба таъкиди афзалияти таҳлили фаҳмо ва илман асосноки гурӯҳбандии ин ҳуқуқҳо мусоидат мекард.

2. Дар автореферат ба баъзе манбаъҳои байналмилалӣ ишора шудааст, вале муфассалтар таҳлил намудани таҷрибаи кишварҳои дорои низоми ҳуқуқии пешрафта (масалан, кишварҳои узви Иттиҳоди Аврупо, ИМА ё кишварҳои пасошӯравӣ) дар робита ба кафолат ва амалӣ намудани ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ метавонист натиҷаҳои пажӯҳишро ғанӣ намояд ва заминаи мустаҳками муқоисавӣ барои таҳияи таклифҳои ислоҳотӣ фароҳам оварад.

3. Ҳарчанд мавзӯи ҳуқуқӣ аст, вале зикри муфассали омилҳое, ки амалӣ шудани ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоиро маҳдуд месозанд барои беҳтар фаҳмидани воқеияти мавҷуда зарур буд, набудани чунин таҳлил каме фазои амалишаии ин ҳуқуқҳоро норавшан кардааст.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, метавон хулоса кард, ки диссертатсияи Сайвализода Ҷумахон Сайвалӣ як кори арзишманди илмӣ буда, ба масъалаи муҳими иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ рӯ овардааст. Эродҳои зикршуда хусусияти корсоз дошта, ба мухтавои илмӣ ва аҳамияти амалии таҳқиқот таъсири ҷиддӣ намерасонанд. Таҳқиқи мазкур сазовори баҳо ва истифода дар амалияи ҳуқуқшиносии миллӣ мебошад.

Муаллиф дар асоси таҳқиқоти худ 8 мақолаи илмиро ба нашр расонидааст, ки аз онҳо 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА ба табъ расидаанд. Ин ҳолат шаҳодати фаъолияти илмии босамар ва муттасили муҳаққиқ мебошад.

Бо назардошти сатҳи баланди таҳлили илмӣ, масъалагузории дуруст, муҳтавои бойи ҳуқуқӣ ва ҷанбаҳои амалии пешниҳодгардида, метавон хулоса кард, ки рисолаи Сайвализода Ҷумахон Сайвалӣ ҷавобгӯи талаботи муосири илмӣ буда, муаллиф сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқ аз рӯи ихтисоси 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:** Вакили Маҷлиси
намояндагони Маҷлиси Олии
Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади
илмҳои ҳуқуқшиносӣ -
**Шосаидзода Шаҳбоз Шосаид** ______________________

«10.» 06. соли 2025

734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ 42
Тел.: (+992) 936005566
E-mail: dahkat_1988@mail.ru

Имзои Шосаидзода Ш.Ш-ро тасдиқ мекунам:
Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории
махсуси МН МО ҶТ ____________ Сафарзода Ф.С.

«10.» 06. соли 2025

ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ДАСТГОҲИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Суроғаи муассиса: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 42
Тел.: +992 (37) 221-33-07
E-mail: Sh_k@parlament.tj